# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Қаюмзода Абдулмаъин Ҷумъахон дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ – методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) пешниҳод шудааст.

1. Кори диссертатсионии Қаюмзода Абдулмаъин Ҷумъахон ба яке аз масъалаҳои мубрами педагогӣ – ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ бахшида шудааст. Масъалаи ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ мураккаб буда, қабл аз ҳама, аз омӯзгорон тадбирҳои ҳадафманду саривақтиро тақозо мекунад.

Таҳлили адабиёти мавҷуда, маърӯзаҳо дар ҳамоишҳои илмӣ, мақолаҳо дар матбуоти даврӣ ва ғайраҳо, ки бевосита таҳқиқи масъалаи ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ) дар бар мегиранд, баёнгари он мебошанд, ки ин масъала ҳанӯз чандон мавриди таҳлилу баррасии муҳаққиқон қарор нагирифтааст. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи мазкур дар шароити имрӯза беш аз пеш мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ қарор мегирад.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар диссертатсияи Қаюмзода Абдулмаъин Ҷумъахон аз оғоз то интиҳои диссертатсия дар мадди назари диссертант қарор гирифтааст.

Дар ҳамин замина маҳорати таҳқиқотии Қаюмзода Абдулмаъин Ҷумъахон, ки масъалаи стратегӣ — ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ) бо рӯшанбинӣ таҳқиқ намудааст, саривақтӣ, муҳим ва дорои арзиши баланди назариявию амалӣ арзёбӣ мегардад.

Аз ин рӯ, ба боварӣ метавон қайд намуд, ки пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби диссертант ба даст оварда шудаанд, дар самти амалисозии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ нақши мусбат хоҳанд гузошт.

Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ), ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 - 33 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Мавзуъ ва муҳтавои кори диссертатсионии Қаюмзода Абдулмаъин Ҷумъахон дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ – методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ)» ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.10. — Назария ва технологияи тахсилоти касбӣ (5.3.10.9. — Назария ва технологияи таълими забонхои хориҷӣ), ҳамчунин, дар чорчӯбаи шиносномаи ихтисос, асосҳои назариявӣ – методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ) мутобиқат мекунад.

3. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 23 номгӯйи мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб, ки 15 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақолаи дигар дар маҷалла ва маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

4. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34 - 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 (тағйироту иловаҳо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудааст, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути интихоб ва татбиқи дурусти усулҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, мувофиқати онҳо ба ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, риояи принсипҳои пайдарҳамӣ ва мантиқии таҳқиқ, ҳамзамон бо такя ба таҷрибаи воқеии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таъмин гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни озмоишҳои педагогӣ санҷида шуда, бо маълумоти муқоисавии пеш аз озмоиш ва баъд аз он муқоиса гардидаанд. Хулосаҳо ва далелҳои пешниҳодшуда бо таҳлили мундариҷаи таҷрибаи амалии омӯзгорон ва мушоҳидаҳои мустақим тасдиқ ёфта, ба меъёрҳои илмии эътирофшуда мутобиқ мебошанд. Раванди тадқиқот аз ҷиҳати методологӣ асоснок буда, устувории натиҷаҳо тавассути такроршавии онҳо дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқот таъмин гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Инчунин, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкоро мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи

таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим шаҳодат медиҳад.

6. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Қаюмзода Абдулмаъин Ҷумъахонро дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ – методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) ба шурои диссертатсионӣ барои ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», Юлдошева Мавҷуда Раҳматовна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи санъатшиносӣ ва назарияи мусиқии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», Абдуллоева Меҳриниссо Абдуғаффоровна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, декани факултети забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» пешниҳод карда шаванд.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Қаюмзода Абдулмаъин Ҷумъахонро дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ – методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**<u>ҚАРОР КАРД:</u>**

1. Диссертатсияи Қаюмзода Абдулмаъин Ҷумъахон дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ – методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи

таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) мувофиқат мекунанд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

– Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ»;

– Юлдошева Мавҷуда Раҳматовна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи санъатшиносӣ ва назарияи мусиқии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»;

– Абдуллоева Меҳриниссо Абдуғаффоровна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, декани факултети забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — Лутфуллозода Муҳаммадулло

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — Каримова Ирина Холовна

доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — Рузиева Лола Толибовна

*Имзоҳои Лутфуллозода М, Каримова И.Х. ва Рузиева Л.Т.-ро тасдиқ мекунам.*

Нозири кадр ва коргузории
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Саидова М.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

« 10 » марти соли 2026